Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Одатҳо дар ҳуқуқи маданӣ сарчашмаи муҳими ҳуқуқ буда, қонунгузориро пурра намуда, қоидаҳои рафтори дар ҷомеа ташаккулёфтаро инъикос мекунанд. Онҳо ба принсипҳои асосии ҳуқуқи маданӣ, ба монанди мухторияти ирода, диспозитивӣ, адолат ва оқилона мувофиқат мекунанд. Одатҳо дар асоси амалияе ташаккул меёбанд, ки талаботи воқеии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро инъикос намуда, барои пурра намудани холигии қонунгузорӣ ё аник кардани шартҳои шартнома истифода мешаванд. Ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ эътироф намудани онҳо аҳамият ва мувофиқати мақсадҳои ҳуқуқи маданиро, ки ба ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бовиҷдонии муомилот ва таъмини устувории муносибатҳои маданӣ нигаронида шудааст, таъкид мекунад.

Бинобар ин мавзуи рисолаи тадқиқотии Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад..

Бояд тазаккур дод, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Яке аз падидаҳои сирфияти илмӣ ва ҳуқуқидоштаро одатҳо ташкил менамоянд, ки таърихи бойи

бавуҷудоӣ ва ташаккулро доро мебошанд. Албатта, нисбат ба одатҳо андешаҳои гуногуни олимон ва муҳаққиқон алалхусус дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ андешаи гуногун ибзор карда шудаанд. Дар баробари ин мутобиқи маълумотҳои илмии дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пешниҳодгардида одатҳо яке аз василаҳои аввалияи танзими муносибатҳои одамон ва ҷамъият баромад мекарданд, ки ҳолати мазкур ба падидаи ҳуқуқӣ шомил гардида, асоси воқеиро ба амал овардааст. Ҳамзамон, баъди дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътироф ва муқаррар шудани он дар шакли меъёри алоҳидаи ҳуқуқӣ баҳс оид ба хусусияти танзимнамоӣ доштани падидаи одатҳо то андозае равшанӣ андохт.

Бо назардошти ҳолатҳои ишорагардида ва доштани муҳимияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ба риштаи таҳқиқоти илмӣ бурдани одатҳо дар муомилоти маданӣ бисёр саривақтӣ ва айни замон аст.

Диссертатсияи Анушервони Исрофил аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «Табиати ҳуқуқии одатҳо дар муомилоти маданӣ» ном дошта, аз чор зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби якум – «Таҳаввулоти одатҳо дар муомилоти маданӣ» ном дошта, дар он марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди одатҳо дар муомилоти маданӣ бо дарназардошти сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, нисбат ба он мавқеи диссертант зикр карда шудааст. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар зербоби мазкур аз ҷониби муаллифи диссертатсия чунин андеша пешниҳод мегардад, ки пайдоиши ҳуқуқи одатиро дар ҷомеаи инсонӣ ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои онро бо пайдоиши давлат алоқаманд намудан, мо асосҳои кофӣ надорем. Дар баробари ин зикр мегардад, ки раванди ташаккулёбии ҳуқуқи одатӣ ба фаъолияти муассисаҳои судӣ дар алоқамандии наздик қарор доштааст. Илова бар ин, далелҳои таърихии муътамад оид ба оне, ки қарорҳои судӣ назар ба одатҳои ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои қадимтари ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд, мавҷуд мебошанд.

Зербоби дуюми боби якум – «Мафҳуми одат дар муомилоти маданӣ» ном дорад, ки дар доираи он аз ҷониби диссертант масоили мафҳуми одат дар муомилоти маданӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Зербоби сеюми боби якум – «Таносуби одатҳо бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ» ном дошта, дар он масъалаҳои вобаста ба таносуби одатҳо бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар як маврид аз ҷониби муаллиф зикр мегардад, ки омӯзиши танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии муосир нишон медиҳад, ки ин гуна танзимнамоӣ на танҳо ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқ, балки ба воситаи меъёрҳои дигари иҷтимоӣ, аз ҷумла одатҳо, ахлоқ, анъанаҳо, ҳуқуқ ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Зербоби чоруми боби якум – «Таснифи одатҳо дар муомилоти маданӣ» ном дошта, дар он масъалаҳои вобаста ба таснифоти одатҳо дар муомилоти маданӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳамзамон қобил ба зикр аст, ки дар доираи зербоби мазкур чунин таснифоти одатҳо дар мумилоти маданӣ зикр карда шудааст: 1) ҳудуди амал; 2) доираи татбиқ; 3) субъектҳое, ки маҷбуркуниро таъмин менамоянд; 4) шакли танзими ҳуқуқӣ; 5) мансубияти соҳавӣ; 6) шакли васлкунӣ. Муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки таснифи одатҳои муомилоти мадании зикргардида барои ҷудо намудани гурӯҳи одатҳое, ки ба таври объективӣ наметавонанд нисбати муносибатҳои тарафҳо татбиқ карда шаванд, имкон медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия – «Истифода ва иҷозат додани одатҳо дар муомилоти маданӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм – «Шаклҳои таҷассум ва татбиқи одатҳо дар муомилоти маданӣ» ном гирифтааст. Дар доираи таҳқиқоти зербоби мазкур аз ҷониби муаллиф таъкид мегардад, ки зарурият ба таҳия намудани маҷмӯаҳои одатҳо чун маҷмӯаҳои ғайрирасмӣ дида мешавад. Маҷмӯаҳо хусусиятҳои манфии одатҳоро (номутобиқатӣ, нопуррагӣ, душвории муайянсозӣ ва тасдиқ)-ро «суфта» намуда, хусусиятҳои мусбии онҳоро, ки бо танзими муносибатҳои мушаххаси маданӣ-ҳуқуқӣ вобастагӣ доранд, нигоҳ медоранд. Одатҳое, ки дар маҷмӯаҳо гирд оварда мешаванд, ба таври дахлдор таҳрир гардида, ба маълумоти шахсоне, ки шартнома мебанданд ва суд расонида шуда, расмиёти тасдиқи далели мавҷудияти одат, ки муносибатҳои муайянеро танзим мекунанд, сода карда мешавад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – «Проблемаҳои иҷозат додани одатҳо дар муомилоти маданӣ» диссертант қайд намудааст, ки дар робита ба иҷозат гардидани одатҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ чор нуқтаи назар мавҷуд мебошад: а) иҷозатдиҳӣ чун маъқулдонии давлатӣ; б) иҷозатдиҳӣ чун эътирофнамоии давлатӣ; в) иҷозатдиҳӣ чун таъминикунии одатҳо ба воситаи қувваи маҷбурсозии давлатӣ; г) иҷозатдиҳӣ чун мустаҳкамнамоии давлатии одатҳо.

Боби сеюми диссертатсия – «Мафҳум ва моҳияти одатҳо дар

муомилоти мадании байналмилалӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби сеюм – «Одатҳои муомилоти корӣ ҳамчун як намуди муносибатҳо дар муомилоти байналмилалии маданӣ» ном дошта, дар он масоили одатҳои муомилоти корӣ ҳамчун як намуди муносибатҳо дар муомилоти байналмилалии маданӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамзамон, диссертант зикр менамояд, ки ба тамоюли рушди одатҳои байналмилалии савдоӣ бидуни зарурати исбот гардидани мавҷудияти онҳо аз ҷониби тарафҳо чун ҳолати воқеӣ аз рӯи кор амали мантиқан дуруст ба шумор меравад.

Зербоби дуюми боби сеюм – «Табиати ҳуқуқии одатҳои муомилоти маданӣ дар муносибатҳои байналмилалии савдоӣ» ном дорад, ки дар доираи он аз ҷониби диссертант масоили табиати ҳуқуқии одатҳои муомилоти маданӣ дар муносибатҳои байналмилалии савдоӣ мавриди таҳқиқ карор дода шудаанд. Аз ҷониби диссертант дар натиҷаи таҳлили муқарраротҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикситон зикр карда мешавад, ки моддаи 5 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикситон, ки мафҳуми одатҳои муомилоти корӣ ва муқаррароти дигари пешбининамудаи қонунгузории маданиро дар бар мегирад, (боби 27 «Иҷрои ухдадориҳо» мод. 356, 358, 359-361, боби 35 «Хариду фурӯш» мод. 528, 536, 576, 577, 578, боби 49 «Суратҳисоби бонкӣ» мод. 935, боби 50 «Ҳисоббаробаркунӣ» мод. 962, 965, 968, 977, боби 55 «Комиссия» мод. 1097), ки одатҳои байналмилалии савдоӣ яке аз намуди одатҳои муомилоти корӣ мебошад.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии одатҳо дар муомилоти маданӣ муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузоштагшуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он масъалаҳои назариявӣ-амалии одатҳо дар муомилоти маданӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин аз ғояҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намудаанд.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия**

**зикршуда.** Боиси зикр мебошад, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба одатҳо дар мумилоти маданӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии диссертант, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба одатҳо дар муомилоти маданӣ, асос меёбад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил аҳаммияти баланди илмӣ-амалӣ дорад. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ба даст оварда шудаанд, дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои истифодаи одатҳо дар муомилоти маданӣ истифода бурда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар рисола баён шудаанд, ба ташаккул ва рушди институти одатҳо дар ҷумҳурӣ равона шудаанд.

Тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот аз ҷониби диссертант манзургардида оид ба баланд бардоштани нақши ҳуқуқии одатӣ, танзим ва ҳалли муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ метавонанд дар қонунгузорӣ ва амалия истифода шаванд. Инчунин мавод, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд дар таълими назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, инчунин дар муассисаҳои усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо, аз қабили судҳои ҳакамӣ ва муҳокимаи арбитражӣ, ҳангоми навиштани рисолаҳо, монографияҳо ва дастурҳои илмӣ, дипломӣ, магистрӣ, корҳои курсӣ оид ба мавзуи зикршуда истифода шаванд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин чараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи тиҷоратӣ ва ғ. истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи рисола, мафҳум ва моҳияти он дар 5 васоити таълимӣ, 18 мақолаҳои илмӣ инъикос гардидааст, ки 7-тои онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядодашуда ва 11-тоаш дар нашриёҳои дигар ба табъ расидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Диссертатсияи Анушервони Исрофил дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:**

1. Навгонии № 2 ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки дар он муаллиф қайд

менамояд, ки одатҳо дар тафовут аз дигар меъёрҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқ шакли хаттиро талаб наменамояд, яъне шакли зоҳирии ифодаи он – ин қоидаҳои оддии рафтори доираи номуайяни шахсони бо муносибатҳои ногусастанӣ алоқаманданд, ки амалҳои иштирокдорони муомилоти маданиро танзим менамоянд, навгонии илмӣ надошта, умумимаъмуланд.

2. Дар кор пешниҳоди мушаххас оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад, ки дар сохтори кор бояд пас аз муқарраротИ назариявии барои дифоъ пешниҳодшуда бошад, аммо дар саҳ. 17 танҳо омадааст, ки «Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо пешниҳод карда шуданд». Дар баробари ин бояд қайд кард, ки минбаъд дар матни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи бобоҳо ва зербобҳо дар асл як қатор таклифҳои арзишмандӣ амалӣ ҷой доранд.

3. Дар хусуси таклифи васеъ намудани доираи татбиқи одатҳо бо ақидаи муаллиф розӣ шуда наметавонем. Муаллиф қайд менамояд, ки «доираи татбиқи одатҳоро бояд дар муомилоти маданӣ васеъ намуд. Инчунин, дар доираи танзими қобили қабул як доираи одатҳои ҳуқуқи маданиро инкишоф додан ба мақсад мувофиқ аст, ки дар он иштирокчиёни муомилоти маданӣ метавонанд қоидаҳои рафторро эҷод намуда, бо иродаи худ қоидаҳои рафторро интихоб намоянд.». Ба андешаи мо, муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳамчунин муносибатҳои дигар бояд ба қадри имкон муфассал танзим карда шаванд. Зеро танзими муфассали қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ба таври дахлдор таъмин карда шаванд.

Эродҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири ҳуқуқи маданӣ саҳми сазовори худро гузорад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Анушервони Исрофил ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона

навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон, дотсент Бобозода Ҷ.Қ.

Имзои Бобозода Ҷ.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

«18» 03 соли 2025

**Суроғаи муқарриз:**
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон, 734067,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Нахимов, 64/14
E.mail: jamrod@mail.ru
Телефони мобилӣ: +992-918-66-89-71